**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи **Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай** дар мавзуи **«Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; Ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; Танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (ш. Душанбе, 2025. - 40 саҳ.).

Мавзуи диссертатсияи Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай ба асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар марҳалаи кунунии таҳаввули давлатдории миллӣ, ташкили бо низом ва баргузории демократии интихоботи президентӣ ҳамчун сарвари давлат, яке аз шаклҳои муҳимтарини таҷассуми соҳибихтиёрии миллӣ ва кафолати истиқлоли комили сиёсӣ маҳсуб мегардад. Ин раванд ҳамзамон воситаи муассири таҳкими механизмҳои идоракунии давлатӣ ва рушди устувори низоми сиёсӣ маҳсуб меёбад. Иштироки фаъоли шаҳрвандони Тоҷикистон дар интихоботи президентӣ нишонгари мавқеи калидии онҳо дар раванди ташаккули ҷомеаи демократӣ, ҳокимияти давлатӣ мебошад ва ҳамчун омили муҳими таъминкунандаи амалигардонии самараноки фаъолияти он арзёбӣ мегардад. Дар шароити ҷомеаи муосир, ташаккули давлати демократиро бидуни низоми интихоботии озоду шаффоф тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро интихобот воситаи асосии ифода ва татбиқи иродаи сиёсӣ ва соҳибихтиёрии мардум ба шумор меравад. Баргузории даврии интихоботи озод яке аз пояҳои асосии низоми демократӣ ба шумор меравад. Маҳз тавассути механизми интихоботӣ аксарияти шаҳрвандон дар раванди ташаккули ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ гардидани иродаи сиёсӣ ширкат меварзанд. Интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷузъи ҷудонопазири ин раванди демократӣ буда, аҳамияти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии хос дорад. Интихоботи президентӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин падидаҳои сиёсии ҳаёти давлатӣ арзёбӣ гардида, самт ва дурнамои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсати дохилию хориҷии кишварро дар давраи муайяншуда муайян менамояд.

Ташкили демократии интихоботи озоду шаффофи президентӣ ҳамчун таҷассуми волотарини татбиқи соҳибихтиёрии миллӣ ва ҳокимияти халқӣ арзёбӣ мегардад. Иштироки фаъолонаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар интихоботи президентӣ яке аз омилҳои асосии таҳкими низоми демократӣ ба шумор меравад, зеро иштироки онҳо дар

ин раванди сиёсӣ заминаи устувори афзоиши эътимоди ҷомеа ба ниҳодҳои давлатдорӣ ва рушди устувори он мебошад. Баргузории интихоботи президентӣ ифодаи равшани иродаи сиёсӣ ва худмуайянкунии шаҳрвандон буда, яке аз воситаҳои муҳимтарини демократикунонии ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад. Бо истифода аз ҳуқуқи интихоботӣ шаҳрвандони Тоҷикистон шахсиятеро интихоб менамоянд, ки дорои салоҳият ва эътимоди умумимиллӣ барои иҷрои вазифаи олии конститутсионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таҳқиқи механизмҳои ташкил ва баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳими давраи муосир ба ҳисоб меравад, зеро он бо хусусияти сохторӣ ва фаъолияти низоми ҳокимияти давлатӣ алоқаманд мебошад. Арзишҳои демократӣ ҳамчун меъёрҳои асосии рушди иҷтимоию сиёсӣ ва воситаҳои воқеии татбиқи манфиатҳои миллии давлат хизмат менамоянд. Низом ва ҳуқуқи интихоботии ташкили интихоботи президентӣ унсури ҷудонопазири амалӣ гардидани принсипи демократӣ, соҳибияти халқ ба ҳокимият буда, татбиқи принсипи бунёдии давлатдории миллӣ – ҳокимияти халқро таъмин менамояд.

Аз рӯйи сохтори худ диссертатсияи Олимзода М.А. аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Навгонии рисолаи мазкур дар хулоса ва пешниҳодоте, ки муаллиф ба ҳимоя пешниҳод кардааст, ба таври возеҳ инъикос гардидаанд. Дар асоси таҳлил, омӯзиш ва хулосаҳои муаллифӣ масъалаҳои гуногуни баррасишавандаи таҳқиқот, аз ҷумла, мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот, мафҳум ва намудҳои давраҳои мурофиаи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзими ҳуқуқӣ-конститутсинии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъол дар ҷараёни баргузории интихоботи Президент, асосҳои ҳуқуқии танзими вазъи ҳуқуқии номзадон ба мансаби Президент, хусусияти хоси раванди ташкил ва гузаронидани интихоботи Президент, таҳлили муқоисавии ташкил ва гузаронидани интихоботи Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ (ё давлатҳои пасошуравӣ) мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар ин радиф, мурофиаи интихоботи президентӣ ҳамчун низоми муносибатҳои ҳуқуқие мебошад, ки дар раванди ташкил, бақайдгирӣ, овоздиҳии фаъол ва ғайрифаъол, интихоботи асосӣ ва такрорӣ, ташкили

комиссияҳои интихоботӣ зоҳир мегардад. Ба андешаи муаллиф, ҳуқуқи шаҳрвандон ба интихобот дар доираи муққарароти қонунгузорӣ сурат гирифта, ҳуқуқҳои фитрӣ ба шумор меравад. Ҳуқуқи интихоботӣ ҳамчун имконияти шахс ҷиҳати иштирок дар ҳалли масоили мухталифи ҳуқуқҳои сиёсӣ, таъмини волоияти қонун мебошад ва дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии ҷомеа ńақши муассир дошта, масъулияти ҳар шахс дар интихоб, қарор ва амали худ ба шумор меравад.

Пешниҳоди мазкур дар сатҳи авторефрат чандон асонок карда нашудааст, хуб мешуд муаллиф масъалаи мазкурро дар ҷараёни ҳимоя асоснок менамуд, шарҳ медод.

Новобаста аз эродҳои қайдшуда, бояд таъкид кард, ки муаллиф таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи илмӣ - таҳқиқотиро анҷом додааст. Ин кор бо тарзи эҷодкорона таҳия шуда, масъалаи муҳими ҳуқуқи конститутсиониро ба таври амику дақиқ ҳал намудааст. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешрафти илми назариявӣ ва такмили амалии қонунгузорӣ саҳми назаррас гузошта бошад.

Таҳкикоти диссертатсионии Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгуй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; Ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; Танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, мебошад.

Мудири кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон, д. и. ҳ., дотсент **Самадзода Б.О.**

11.11.2025

Имзои Самадзода Б.О. - ро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент **Бобоев А.Ҳ.**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1. ДДҲБСТ
тел: +992 (3422) 2 38 11
www.tsulbp.tj